# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)**
(Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 428)

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии муносибатҳоеро, ки ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) бо мақсади муқаррар намудани арзиши бозорӣ ё арзиши дигари объектҳои баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) ба миён меоянд, ба танзим дароварда, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти баҳодиҳиро (нархгузориро) новобаста аз шакли моликияташон муайян мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

-фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) - фаъолияти соҳибкорие, ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) барои муайян намудани арзиши бозорӣ ва ё арзиши дигари объектҳои баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) -(минбаъд -нархгузорӣ) дар санаи муқарраргардида анҷом дода мешавад, агар дар қонунҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

-нархгузор -шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти нархгузорӣ иҷозатнома дорад;

-объекти нархгузорӣ - объектҳои ҳуқуқи граждани, ки нисбати онҳо фаъолияти нархгузорӣ баргузор шуданаш мумкин аст;

-усули нархгузорӣ - маҷмӯи амалиёти характери ҳуқуқӣ, иқтисодию молиявӣ, ташкилию техникӣ дошта, ки барои муайян намудани арзиши бозорӣ ё арзиши дигари объектҳои нархгузорӣ истифода мешаванд;

-нархгузории такрорӣ - муайян намудани арзиши бозорӣ ва ё арзиши дигари объектҳои нархгузорӣ дар натиҷаи пайдоиши баҳс байни нархгузору фармоишгар аз як тараф ва шахсони сеюм аз тарафи дигар;

-нархи бозории объекти нархгузорӣ - нархи тахминие, ки бо он объекти мазкур дар бозори кушод дар шароити мавҷудияти рақобат харида ва ё фурӯхта шуда метавонад ва дар ҳолате, ки иштирокчиёни муомилот (харидору фурӯшанда) барои хулосабарорӣ ҳамаи маълумоти дастрасбударо доранд ва ба андозаи нархи муомилот ягон ҳолати фавқулодда таъсир намерасонад, дар ҳолатҳое,ки:

а) на харидор ва на фурӯшанда барои харидан ва ё фурӯхтани объекти мазкур ӯҳдадории ҳатмӣ надоранд ва ба онҳо аз ягон тараф бо мақсади маҷбур кардан барои харидан ва ё фурӯхтани объекти мазкур таъсир расонида нашудааст;

б) нархи объект дар шакли пулӣ ифода шудааст;

в) иштирокчиёни муомилот аз хусусиятҳои объекти муомилотшаванда ба хубӣ огоҳанд ва ба манфиати худ рафтор мекунанд;

г) объекти нархгузоришаванда дар бозори кушод, дар шароите, ки ҳамаи хоҳишмандони муомилот иштирок намуда метавонанд, пешниҳод гардидааст;

д) нархи объекти муомилашаванда ҳамарзиши маблағи пардохтшуда ба объекти нархгузорӣ буда, ба тарафҳои муомилот аз ягон ҷониб дахолат мушоҳида нагардидааст;

-арзиши дигар - ҳамагуна арзиши объекти нархгузорӣ, ба истиснои арзиши бозории он (арзиши мувозинавӣ, арзиши боқимонда ва ғайра);

-фармоишгар - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз хизмати нархгузор истифода мебарад;

-ҳисобот оид ба натиҷаи нархгузорӣ - ҳисоботи хаттии ба фармоишгар супоридашавандаи нархгузор дар бораи натиҷаи кори нархгузорӣ дар шакл ва мазмуне, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор тасдиқ шудааст ва ба талаботи Қонуни мазкур мувофиқат менамояд;

-мақомоти ваколатдор - мақомоти давлатӣ, ки фаъолияти иҷозатномадиҳӣ, назоратӣ, ҳамчунин роҳбариро дар соҳаи нархгузорӣ амалӣ менамояд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти нархгузорӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти нархгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Прнисипҳои асосии фаъолияти нархгузорӣ**

Принсипҳои асосии фаъолияти нархгузорӣ инҳоянд:

-беғаразӣ;

-воқеият;

-боэътимодӣ;

-босалоҳиятӣ;

-шаффофият.

**Моддаи 4. Субъектҳои фаъолияти нархгузорӣ**

Субъектҳои фаъолияти нархгузорӣ аз як тараф шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки барои машғул шудан ба фаъолияти нархгузорӣ иҷозатнома доранд ва аз тарафи дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки ҳамчун фармоишгар баромад мекунанд.

**Моддаи 5. Объектҳои нархгузорӣ**

Ба объектҳои нархгузорӣ объектҳои зерин тааллуқ доранд:

-объектҳои алоҳидаи моддӣ (ашё), аз он ҷумла объектҳои бесоҳиб;

-маҷмӯи ашёҳои ташкилдиҳандаи амволи шахс, аз ҷумла амволи намуди муайян (манқул ё ғайриманқул, аз ҷумла корхонаҳо);

-ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молӣ ба амвол ё ашёҳои алоҳида аз таркиби амвол;

-ҳуқуқи талаб намудан, ӯҳдадориҳо (қарзҳо);

-корҳо, хизматрасонӣ, иттилоот;

-объектҳои ғайримоддӣ (аз ҷумла моликияти зеҳнӣ);

-дигар объектҳои ҳуқуқи граждании, ки нисбати онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти иштирок кардан дар муомилоти гражданӣ пешбинӣ шудааст.

**Моддаи 6. Мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар соҳаи нархгузорӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи оид ба нархгузории объектҳои ба онҳо тааллуқдоштаи нархгузорӣ**

Мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар соҳаи нархгузорӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси талаботи пешбининамудаи Қонуни мазкур ба нархгузории ҳамаи объектҳои ба онҳо тааллуқдоштаи нархгузорӣ аз ҷониби нархгузор ҳуқуқ доранд.

Ҳуқуқ оид ба нархгузории объекти нархгузорӣ аз тартиби амалӣ гардонидани ҳисоботи омори давлатӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, вобаста намебошад. Ҳамин ҳуқуқ ҳангоми нархгузории такрорӣ ба объекти нархгузорӣ низ паҳн мегардад. Натиҷаҳои нархгузории объекти нархгузорӣ метавонанд барои саҳеҳ гардонидани нишондиҳандаҳои ҳисоби муҳосиботӣ ва ҳисобот истифода шаванд.

Дар ҳолатҳои зарурӣ шахсони манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои нархгузории объекти нархгузорӣ метавонанд шикоят кунанд.

**Моддаи 7. Эҳтимолияти муайян намудани арзиши бозории объекти нархгузорӣ**

Агар дар санади меъёрии ҳуқуқие, ки баргузории ҳатмии нархгузории объекти нархгузориро талаб наменамояд ё дар шартнома оид ба нархгузории объекти нархгузорӣ (минбаъд шартнома) нархгузории мушаххаси объекти нархгузорӣ муайян нашуда бошад, бояд арзиши бозории ҳамин объект муқаррар карда шавад.

Қоидаи номбурда дар мавридҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шудани мафҳумҳои намуди нархгузориро муайянкунандае, ки дар Қонуни мазкур нишон ва ё шарҳ дода нашудаанд, аз ҷумла истифодаи мафҳумҳои "арзиши ҳақиқӣ", "арзиши воқеӣ", "арзиши мувофиқ" ва ғайра низ татбиқ карда мешавад.

**Моддаи 8. Намудҳои нархгузории объектҳои нархгузорӣ**

Намудҳои нархгузории объектҳои нархгузорӣ чунинанд:

-нархгузории ҳатмӣ ва нархгузории ташаббусӣ.

Нархгузории ҳатмӣ ҳангоми ба муомилот баровардани объектҳои нархгузории зерин ба амал баровaрда мешавад:

-ҳангоми муайян намудани арзиши объекти нархгузорӣ дар ҳолати хусусигардонӣ, ба иҷора додан, ба идоракунии боваринок додан;

-хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 428)*;

-ҳангоми фурӯш ва ё бо тарзи дигар бегона намудани объекти нархгузорӣ;

-ҳангоми гузашт кардани ӯҳдадории қарзии ба объекти нархгузорӣ тааллуқдошта;

-ҳангоми супоридани объекти нархгузорӣ ҳамчун ҳисса ба сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ, аз он ҷумла шахсони ҳуқуқӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ;

-ҳангоми муайян кардани арзиши ибтидоӣ барои музоядаҳо, озмунҳо оид ба фурӯши объектҳои нархгузорӣ;

-ҳангоми муайян намудани иҷорапулӣ барои имзои шартномаи иҷораи объектҳои нархгузорие, ки амволи давлатӣ мебошанд;

-ҳангоми муайян намудани зарари объектҳои суғурташудаи ҳуқуқҳои гражданӣ бар асари фаро расидани ҳолати суғуртавӣ, дар ҳолати суғуртаи ҳатмии объекти нархгузорӣ;

-ҳангоми пайдоиши баҳс оид ба арзиши объекти нархгузорӣ, аз ҷумла ҳангоми милликунонии амвол;

-ҳангоми пайдоиши баҳс оид ба андозаи арзиши иншооти ба гаравгузошташуда (иншооти ипотека) дар мавриди қарзгирии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути багаравмонии моликияти ғайриманкул (ипотека);

-ҳангоми тартиб додани шартномаи никоҳ ва тақсими амволи зану шавҳари ҷудошаванда бо талаби яке аз тарафҳо, ё ҳар ду тараф дар мавриди пайдоиши баҳс оид ба арзиши ин амвол;

-ҳангоми харидории амвол барои эҳтиёҷоти давлатӣ;

-ҳангоми мусодираи амвол ба манфиати давлат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-ҳангоми нархгузории объекти нархгузорӣ бо мақсади назорати дурусти пардохти андозҳо дар мавриди пайдоиши баҳс дар бораи ҳисоб намудани заминаи андозбандӣ.

Нархгузории ташаббусӣ дар асоси дархости фармоишгар дар бораи нархгузории ҳар як объекти ба фармоишгар тааллуқдошта тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

## БОБИ 2. АСОС БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ НАРХГУЗОРӢ ВА ШАРТҲОИ ИҶРОШАВИИ ОН

**Моддаи 9. Асос барои нархгузории объекти нархгузорӣ**

Асос барои нархгузории объекти нархгузорӣ шартномаи оид ба нархгузории байни нархгузор ва фармоишгар мебошад, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудааст.

Мувофиқи шартнома оид ба нархгузорӣ нархгузор ӯҳдадор мешавад, ки барои муқаррар намудани арзиши бозорӣ ё арзиши дигари объектҳои нархгузорӣ хизмат расонад, фармоишгар бошад ӯҳдадор аст, ки ҳаққи ин хизматро пардозад.

Дар шартномаи байни нархгузор ва фармоишгар мумкин аст аз ҷониби ҳамин нархгузор нархгузории объекти нархгузории мушаххас, як қатор объектҳои нархгузорӣ ё хизматрасонии дарозмуддат ба фармоишгар аз рӯи муроҷиати ӯ пешбинӣ шавад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нархгузории объекти нархгузорӣ, аз ҷумла нархгузории такрорӣ мумкин аст дар асоси таъиноти суд ё бо қарори мақомоти ваколатдор аз ҷониби нархгузор гузаронида шавад.

Суд дар интихоби нархгузор мустақил аст. Хароҷоти вобаста ба нархгузории объекти нархгузорӣ, ҳамчунин музди меҳнати нархгузор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.

**Моддаи 10. Талаботи ҳатмӣ ба шартнома**

Ба шартномаи нархгузорӣ меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаи муздноки хизматрасонӣ татбиқ карда мешавад.

Шартномаи байни нархгузор ва фармоишгар дар шакли оддии хаттӣ баста мешавад.

Шартнома бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- номи фармоишгар ва нархгузор, суроғаи ҳуқуқии онҳо;
- номи объекти нархгузоришаванда, маҳалли ҷойгиршавии он;
- мӯҳлат ва санаи нархгузорӣ;
- масъулияти тарафҳо;
- асоси бастани шартнома;
- намуди нархгузорӣ;
- намуди арзиши (арзишҳои) муайяншавандаи объекти нархгузорӣ;
- пардохти пулии иҷрои нархгузории объекти нархгузорӣ;
- маълумот дар бораи суғуртаи масъулияти граждании нархгузор;
- шарти махфӣ нигоҳ доштани нархгузорӣ ва маҳдудияти ӯҳдадориҳои нархгузор;
- маълумоти ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи амволии фармоишгар ба объекти нархгузорӣ ё дигар асосҳо, ки ба фармоишгар барои бастани шартнома дар бораи нархгузорӣ ҳуқуқ медиҳанд.

Дар шартнома ба таври ҳатмӣ бояд маълумоти оид ба иҷозатнома доштани нархгузор барои иҷрои фаъолияти нархгузорӣ бо нишон додани рақами тартибӣ ва санаи додани иҷозатнома, мақомоте, ки онро додааст, ҳамчунин мӯҳлати эътибори иҷозатнома зикр карда шавад.

Шартнома оид ба нархгузории ҳам объекти ягонаи нархгузорӣ ва ҳам маҷмӯи объектҳои нархгузорӣ бояд нишондиҳандаи дақиқи ин объекти нархгузорӣ (объектҳои нархгузорӣ), ҳамчунин тавсифи онро (онҳоро) дар бар гирад.

Оид ба нархгузории объекти нархгузории ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тааллуқдошта миёни нархгузор ва шахси аз ҷониби соҳибмулк барои хариду фурӯш ваколатдоркардашуда шартнома баста мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 11. Талаботи умумӣ оид ба мазмуни ҳисоботи нархгузории объекти нархгузорӣ**

Саривақт ба тарзи хаттӣ тартиб додан ва ба фармоишгар супоридани ҳисоботи нархгузории объекти нархгузорӣ (минбаъд ҳисобот) аз тарафи нархгузор ба таври мувофиқ иҷро кардани вазифаҳояш мебошад, ки онҳо тибқи созишнома ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд.

Ҳисобот набояд ба маънидоди гуногун роҳ диҳад ё ба иштибоҳ андозад. Дар ҳисобот ба тарзи хаттӣ санаи нархгузории объекти нархгузорӣ, стандартҳо дар мавриди нархгузорӣ истифодашуда, мақсад ва вазифаҳои нархгузории объекти нархгузорӣ, инчунин дигар маълумотҳо оварда мешаванд, ки барои маънидоди пурра ва саҳеҳу равшани натиҷаҳои нархгузории объекти нархгузории дар ҳисобот инъикосёфта зарур мебошанд.

Дар мавриде ки агар ҳангоми баргузории нархгузории объекти нархгузорӣ на арзиши бозорӣ, балки намуди дигари арзиш муайян шуда бошад, дар ҳисобот бояд меъёри гузоштани нархи объекти нархгузорӣ ва сабабҳои сарфи назар кардан аз имконияти муайян намудани нархи бозории объекти нархгузорӣ нишон дода шавад.

Дар ҳисобот бояд нишон дода шавад:

-санаи тартиб додан ва рақами тартибии ҳисобот;

-асосҳо барои нархгузории объекти нархгузорӣ аз тарафи нархгузор;

-суроғаи ҳуқуқии нархгузор ва маълумот дар бораи доштани иҷозатнома барои фаъолияти нархгузории ҳамин намуди амвол;

-фамилия, ном, номи падари фармоишгар ва маълумоти ҳатмии (реквизитҳои) фармоишгар;

-тавсифи пурраи объекти нархгузорӣ, нисбати объекти нархгузории ба шахси ҳуқуқӣ тааллуқдошта, маълумоти ҳатмии (реквизитҳои) шахси ҳуқуқӣ ва арзиши мувозинавии ҳамин объекти нархгузорӣ;

-тартиби ягонаи нархгузорӣ барои муайян кардани намуди дахлдори арзиши объекти нархгузорӣ, асоснок кардани истифодабарии онҳо ҳангоми нархгузории ҳамин объекти нархгузорӣ, номгӯи маълумотҳои ҳангоми нархгузории объекти нархгузорӣ истифодашуда бо нишон додани манбаи ба даст овардани онҳо, ҳамчунин имконпазирии фарзияи нархгузории объекти нархгузорӣ;

-пай дар пай муайян намудани арзиши объекти нархгузорӣ ва андозаи ниҳоии объекти нархгузорӣ, ҳамчунин маҳдудият ва ҳадди истифодаи натиҷаи ҳосилшуда;

-санаи муайян шудани арзиши объекти нархгузорӣ;

-номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки нархгузор ҳангоми муқаррар намудани тавсифи миқдорӣ ва сифатии объекти нархгузорӣ истифода бурдааст.

Ҳисобот инчунин дигар маълумотҳоеро низ фаро гирифта метавонад, ки ба ақидаи нархгузор барои инъикоси пурраи тарзи ҳисоби арзиши объекти нархгузории мушаххас истифода шудаанд, муҳим мебошанд.

Ҳангоми аз ҷониби чанд нархгузор нархгузорӣ шудани объектҳои нархгузории гуногун, ки ба таркиби объекти нархгузоришаванда дохиланд, ҳисобот аз тарафи ҳар нархгузор бо нишон додани объекти нархгузорие, ки аз рӯи он нархгузориро ба амал овардааст, имзо карда мешавад.

Барои нархгузории намудҳои алоҳидаи объекти нархгузорӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи махсуси ҳисоботро пешбинӣ карда метавонад.

Ҳисобот бояд саҳифа ба саҳифа рақамгузорӣ, дӯхта, бо мӯҳр тасдиқ шуда, аз тарафи нархгузор-соҳибкори инфиродӣ ё корманди шахси ҳуқуқӣ, ки нархгузории объекти нархгузориро амалӣ намудааст ва роҳбари ӯ имзо карда шавад.

Нусхаи ҳисоботи нархгузории иҷрошуда дар корхонаи нархгузорӣ ба муддати се сол нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 12. Эътиборнокии ҳисобот ҳамчун ҳуҷҷате, ки маълумоти моҳиятан исботкунанда дорад**

Андозаи ниҳоии арзиши бозорӣ ё арзиши дигари объекти нархгузории дар ҳисобот зикрёфта, ки дар асос ва аз рӯи тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур таҳия шудааст, эътибornок ва қобили тавсия ҳисобида мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ НАРХГУЗОР

**Моддаи 13. Ҳуқуқҳои нархгузор**

Нархгузор ҳуқуқ дорад:

-мустақилона тарзҳои нархгузории объекти нархгузориро мувофиқи тартиби ягонаи нархгузорӣ истифода намояд;

-ҳангоми нархгузории ҳатмии объекти нархгузорӣ аз фармоишгар таъмини дастрасии ҳаҷми пурраи санадҳои барои иҷрои ин нархгузорӣ даркориро талаб намояд;

-барои иҷрои нархгузории мазкур шарҳу эзоҳ ва маълумоти иловагии заруриро аз фармоишгар гирад;

-дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ аз шахсони сеюм маълумоти заруриро барои нархгузории объекти нархгузорӣ, ба истисноӣ маълумоти сирри давлатӣ ё тиҷоратидошта дархост

намояд. Дар мавриди рад шудани дархост оид ба гирифтани маълумот, агар ин ба дурустии нархгузории объекти нархгузорӣ таъсири воқеӣ расонад, нархгузор онро дар ҳисобот нишон медиҳад;

-дар ҳолатҳои зарурӣ дар асоси шартнома нархгузорон ё мутахассисони дигарро барои ширкат дар нархгузории объекти нархгузорӣ ҷалб намояд;

-дар ҳолатҳое, ки агар фармоишгар шартҳои шартномаро риоя накунад, пешниҳоди маҳсулоти заруриро дар бораи объекти нархгузорӣ таъмин насозад ё шароити кории мутобиқ ба шартномаро таъмин накунад, аз нархгузории объекти нархгузорӣ даст кашад;

-пардохти хароҷоти вобаста ба нархгузории объекти нархгузорӣ ва ҳаққи хизматро барои нархгузории объекти нархгузорӣ, ки суд таъин намудааст, талаб кунад.

Бо мақсади инкишофи фаъолияти нархгузорӣ нархгузорон ҳуқуқ доранд ассотсиатсия, ҷамъиятҳо, ташкилотҳои дигари ғайритиҷоратӣ созмон диҳанд. Хусусиятҳои хоси вазъи ҳуқуқии ассотсиатсия, ҷамъиятҳо, ташкилотҳо тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**Моддаи 14. Ӯҳдадориҳои нархгузор**

Нархгузор ӯҳдадор аст:

-ҳангоми иҷрои фаъолияти нархгузорӣ талаботи Қонуни мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар асоси он қабул шудаанд, риоя намояд;

-ба фармоишгар нисбати имконнопазирии иштироки худ дар нархгузории объекти нархгузорӣ бар асари пайдоиши ҳолатҳое, ки барои нархгузории холисонаи объекти нархгузорӣ мамоният мерасонанд, хабар диҳад;

-дар рафти ба расмиятдарории нархгузории объекти нархгузорӣ ҳифзу нигоҳдории санадҳои аз фармоишгар ва аз шахсони сеюм қабулкардаашро таъмин намояд;

-бо дархости фармоишгар иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти нархгузорӣ, маълумот дар бораи доштани суғурта ва ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот, ки дар соҳаи нархгузорӣ донишҳои касбии андӯхтаашро тасдиқ мекунад, пешниҳод намояд;

-дар рафти нархгузории объекти нархгузорӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти махфии аз фармоишгар гирифтаашро ошкор накунад;

-ба фармоишгар ҳисоботро дар бораи нархгузории объекти нархгузорӣ пешниҳод намояд;

-нусхаи ҳисоботи тартибдодаашро дар давоми се сол нигоҳ дорад;

-дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи ҳисобот ё маълумоти онро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд ё ба дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ё ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси талаби қонунии онҳо пешниҳод намояд.

**Моддаи 15. Мустақилияти нархгузор**

Нархгузории объекти нархгузорӣ аз ҷониби нархгузор ба ҷо оварда шуда наметавонад, агар ӯ муассис, соҳибмулк, саҳмиядор ё шахси вазифадори шахси ҳуқуқӣ ё ин ки фармоишгар ё шахси воқеии дар объекти нархгузорӣ манфиати молидошта ё бо шахсони номбурда хешони наздик бошанд.

Ба нархгузории объекти нархгузорӣ иҷозат дода намешавад, агар нархгузор:

-нисбати объекти нархгузорӣ ҳуқуқҳои амволӣ ё ӯҳдадоркунандаи берун аз созишнома дошта бошад;

-муассис, соҳибмулк, саҳмгузор, қарздиҳанда, суғуртакунандаи шахси ҳуқуқӣ бошад ё ин ки шахси ҳуқуқӣ, муассис, саҳмгузор, қарздиҳанда, суғуртакунандаи ширкати нархгузорӣ бошад.

Дахолати фармоишгар ё шахсони дигари манфиатдор ба фаъолияти нархгузор манъ аст, агар ин ба дурустии натиҷаи нархгузории объекти нархгузорӣ таъсири манфӣ мерасонида бошад, аз ҷумла ҳангоми нархгузории объекти нархгузорӣ ба маҳдудкунии доираи масъалаҳои равшаниандозанда ё муайянкунандаи нарх оварда расонад.

Андозаи музди меҳнати нархгузор барои нархгузории объекти нархгузорӣ аз андозаи ниҳоии арзиши объекти нархгузорӣ вобаста шуда наметавонад, агар дар шартномаи нархгузорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 16. Суғуртаи масъулияти граждании нархгузор**

Суғуртаи масъулияти граждании нархгузор шарти таъминкунандаи ҳимояи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизмати нархгузорӣ мебошад ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Мавҷудияти суғуртанома барои имзои шартнома дар бораи нархгузории объекти нархгузорӣ шарти ҳатмӣ мебошад.

Суғуртаи масъулияти граждании нархгузор дар шакли бастани шартномаи суғурта доир ба намуди мушаххаси фаъолияти нархгузорӣ (вобаста аз объекти нархгузорӣ) ё аз рӯи шартномаи мушаххас дар бораи нархгузории объекти нархгузорӣ амалӣ шуда метавонад.

**Моддаи 17. Масъулияти нархгузор**

Нархгузор масъул аст барои:

-вайрон кардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва усули нархгузорӣ;

-фош кардани маълумоти дорои сирри давлатӣ ё тиҷоратидошта;

-нодурустии нархгузорӣ;

-беосеб ва пурра нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотҳое, ки ба ӯ барои нархгузорӣ дода шудаанд.

## БОБИ 4. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ФАРМОИШГАР

**Моддаи 18. Ҳуқуқҳои фармоишгар**

Фармоишгар ҳуқуқ дорад:

-аз нархгузор дар бораи талаботи қонунгузорӣ оид ба нархгузорӣ маълумоти мукаммал гирад;

-бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳисобот дар бораи нархгузорӣ ва хулосаи нархгузор ба онҳо асос меёбанд, шинос шавад;

-аз нархгузор оид ба усулҳои амалӣ намудани нархгузорӣ маълумоти заруриро гирад;

-дар ҳолати вайрон кардани шартҳои шартнома аз хизмати нархгузор даст кашад.

**Моддаи 19. Ӯҳдадориҳои фармоишгар**

Фармоишгар ӯҳдадор аст:

-барои саривақт ва босифат анҷом додани нархгузорӣ тибқи шартнома ба нархгузор шароити мувофиқ фароҳам орад;

-барои нархгузорӣ ба нархгузор ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод намояд, шарҳу эзоҳ диҳад;

-ба фаъолияти нархгузор дахолат накунад, агар он ба дурустии нархгузорӣ таъсири манфӣ расонад;

-бо талаби нархгузор аз номи худ ба унвони шахсони сеюм барои гирифтани маълумоти зарурӣ оид ба нархгузорӣ дархостҳои хаттӣ ирсол намояд.

## БОБИ 5. ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ НАРХГУЗОРӢ

**Моддаи 20. Назорати амалӣ намудани фаъолияти нархгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Назорати амалӣ намудани фаъолияти нархгузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) дар доираи салоҳияташ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ба роҳ мемонад.

**Моддаи 21. Тартиби ягонаи нархгузорӣ**

Тартиби ягонаи нархгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 22. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти нархгузорӣ**

Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти нархгузорӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 23. Баррасии баҳсҳо**

Баҳсҳои байни нархгузор ва фармоишгар дар рафти иҷрои шартнома оид ба нархгузорӣ ва (ё) дар бораи боваринокии андозаи арзиши бозорӣ ё арзиши дигари объекти нархгузории дар ҳисобот муқарраршуда, аз ҷумла бинобар мавҷудияти ҳисоботи дигари дар бораи нархгузории ҳамин объект ба миёномада, бо тартиби судӣ баррасӣ карда мешавад.

**Моддаи 24. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 25. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш.Душанбе
28 июли соли 2006 № 196